**Вазорати ...**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҚОИДАҲОИ

## ГУЗАРОНИДАНИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ АМАЛИШАВИИ ҲУҶҶАТҲОИ СТРАТЕГИИ САТҲИ МИЛЛӢ, БАРНОМАҲОИ СОҲАВӢ ВА МИНТАҚАВИИ РУШД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе – 2019**

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» декабри соли 2018, №615
тасдиқ шудааст

# ҚОИДАҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ АМАЛИШАВИИ ҲУҶҶАТҲОИ СТРАТЕГИИ САТҲИ МИЛЛӢ, БАРНОМАҲОИ СОҲАВӢ ВА МИНТАҚАВИИ РУШД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Қоидаҳо) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шудааст.

2. Қоидаҳои мазкур масъалаҳои ташкилии гузаронидани мониторинг ва арзёбии раванди амалишавии ҳадафҳои асосӣ ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд – Стратегия), Барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020, 2021–2025 ва 2026–2030 (минбаъд – Барнома), Ҳадафҳои рушди устувор (минбаъд – Ҳадафҳо), барномаҳои рушди соҳавӣ, вилоятӣ ва шаҳру ноҳияҳо, ки ба таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ ва гузариш ба модели нави рушд равона шудаанд ва тадбирҳоро ҷиҳати мониторинг ва арзёбии раванди амалишавии Стратегия ва Барнома муайян месозанд, танзим мекунанд.

3. Дар Қоидаҳои мазкур мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

– мониторинг – ин раванди ҷамъоварӣ ва таҳлили мунтазами нишондиҳандаҳои (индикаторҳои) асосӣ ҷиҳати муайянсозии он ки, кадом дигаргуниҳо ё пешрафт дар падида ё раванди омӯхташаванда ба даст омадаанд;

– арзёбӣ – дар марҳилаҳои асосии амалишавии стратегияву барномаҳо гузаронидани чорабиниҳо бо мақсади

муайян намудани натиҷаҳои таҳлили маълумоти ҷамъовардашуда, ки таъсири чорабиниҳоро вобаста ба амалӣ намудани сиёсати гузаронидашуда ва зарурати ворид кардани тасҳеҳотро бо мақсади такмил додани амалҳои мақомоти давлатӣ ва дигар иштирокчиёни равандро ошкор месозад;

– индикаторҳо – маҷмӯи маълумоти оморӣ, ки барои арзёбӣ намудан дар равандҳои тағйирёбии ҳолати иҷтимоию иқтисодӣ истифода мешавад. Чор навъи асосии индикаторҳои мониторинг ва арзёбӣ истифода мешаванд:

– индикаторҳои захираҳои масрафшаванда - сиёсати ҷалб ва тақсим намудани маблағҳои буҷети давлатӣ ва дигар захираҳои барои амалишавии стратегияҳо истифодашавандаро тавсиф мекунанд;

– индикаторҳои боздеҳ – натиҷаҳои бевоситаи фаъолияти мақомоти давлатиро оид ба иҷрои стратегияю барномаҳои рушд тавсиф мекунанд;

– индикаторҳои натиҷаҳои ниҳоӣ - тағйирёбии ҳолати иҷтимоию иқтисодиро дар кишвар вобаста ба фаъолият дар доираи Стратегия, Барнома, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои асосии давлатӣ ва қаноатмандии онҳоро аз чунин хизматрасонӣ тавсиф менамоянд;

– индикаторҳои таъсир - тағйироти некӯаҳволии мардум ва мустақиман дараҷаи дастёбӣ ба ҳадафҳои стратегиро нишон медиҳанд.

4. Индикаторҳои захираҳои масрафшаванда ва индикаторҳои боздеҳ бояд бо ҳисобот дар бораи рафти иҷрои чорабиниҳои дар матритсаи амалиёти Стратегия, Барнома ва барномаҳои соҳавию минтақавии рушди банақшагирифташуда пешниҳод гарданд:

– *рейтинг* – муайян намудани дилхоҳ параметри арзёбишаванда ё гурӯҳи параметрҳоро аз рӯи алгоритми баҳодиҳӣ мувофиқи ҷадвали раддабандӣ ифода мекунад;

– *шохис* – бузургии нисбие, ки тағйирёбии нишондиҳандаҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодиро аз рӯи вақт, фазо дар муқоиса бо заминаи муайяншуда тавсиф намуда, то кадом дараҷа фарқ доштани сатҳи падидаи тадқиқшавандаро аз сатҳи ҳамон падида дар шароити дигар нишон медиҳад;

– *инфрасохтори институтсионалии мониторинг* – низоми мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки дар

раванди мониторинг ва арзёбии амалишавии Стратегия, Барнома ва барномаҳои соҳавию минтақавии рушд иштирок мекунанд;

– *бахш* – маҷмӯи корхонаҳое, ки маҳсулоти якхела ё махсусро аз рӯи технологияҳои ҳамон навъ истеҳсол (истихроҷ) мекунанд;

– *стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон* – ҳадафҳои дарозмуҳлат ва нишондодҳои асосие, ки ҳалли вазифаҳои афзалиятнок ва ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои мушаххасро дар заминаи истифодаи оқилонаи захира ва иқтидорҳои мавҷуда фарогир мебошанд;

– *барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон* – маҷмӯи чорабиниҳо ва нақшаҳои мувофиқашуда ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои умумӣ дар доираи афзалиятҳои сатҳи миллӣ, маҳаллӣ ва соҳавӣ дар назар доштани истифодаи босамари захираҳои табиӣ, моддӣ ва молиявӣ дар давраи миёнамуҳлат;

– *нақшаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ* – маҷмӯи чорабиниҳо оид ба ҳалли ҳадафҳои гузошташуда, ки метавонанд кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат бошанд.

5. Мақсад ва вазифаҳои низоми мониторинг ва арзёбӣ.

Мақсади асосии низоми мониторинг ва арзёбӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии стратегия, барнома ва беҳтар намудани фаъолият мебошад. Вазифаҳои он, сари вақт ошкор намудани ихтилофот, ворид намудани ислоҳот ва ҳалли мушкилот мебошад.

## 2. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

6. Низоми мониторинг ва арзёбӣ як қатор намудҳои индикаторҳои ибтидоӣ, фосилавӣ, анҷомдиҳанда ва ниҳоиро дар бар мегирад, ки онҳо ҳамчун воситаҳои ченкунии навъҳои индикаторҳои дар банди 3 Қоидаҳои мазкур зикргардида истифода бурда мешаванд:

– индикаторҳои ибтидоӣ барои муайян кардани ҳолати асосӣ дар оғози мониторинг ва арзёбӣ истифода мешаванд;

– индикаторҳои фосилавӣ барои мониторинги мунтазами амалишавии стратегия ва барномаҳо дар доираи захираҳои ҷудошуда, ки дар натиҷаи анҷом додани амалҳои асосӣ ба даст омадаанд, истифода бурда мешаванд;

– индикаторҳои анҷомдиҳанда арзёбии ноилшавӣ ба ҳадафҳои асосии Стратегия ва Барнома, ки мониторинги онҳо пайваста амалӣ мегардад, муайян менамоянд;

– индикаторҳои ниҳоӣ барои арзёбии таъсири ҳадафҳои асосии бадастомадаи Стратегия ва Барнома, ки арзёбии онҳо баъди анҷомёбӣ амалӣ мегардад, истифода бурда мешаванд.

7. Бо дар назар доштани мушкил будани истифодаи мунтазами индикаторҳои ниҳоӣ дар низоми мониторинг ва баҳодиҳӣ метавон аз индикаторҳои ивазкунанда истифода бурд.

8. Аз рӯи шакли андозагириҳо индикаторҳои зерин истифода мешаванд:

– индикаторҳои соҳавӣ ва минтақавии дар Стратегия ва Барнома муайяншуда, ки ноилшавӣ ба ҳадафҳои фосилавӣ ва асосии рушди миллӣ ва маҳаллиро бо дар назар доштани индикаторҳои Ҳадафҳо мунтазам андозагирӣ намуда, шарҳҳои махсусро талаб мекунанд;

– индикаторҳое, ки амалишавии тадбирҳои банақшагирифташударо муайян мекунанд;

– индикаторҳое, ки муваффақияти иҷрои тадбирҳои мақсаднокро муайян мекунанд;

– мақомоти марказӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонанд индикаторҳои иловагиеро истифода баранд, ки онҳо хусусиятҳои вазифаи рушди ба зиммаи онҳо гузошташударо инъикос намоянд.

9. Индикаторҳо метавонанд дар асоси дигар индикаторҳо муайян карда шаванд. Индикаторҳо барои таъмин намудани мутобиқат бо Стратегия ва Барнома метавонанд такмил дода шаванд.

## 3. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ АМАЛИШАВИИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2030 ВА БАРНОМАҲОИ МИЁНАМУҲЛАТИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, БАРНОМАҲОИ РУШДИ СОҲАВӢ, ВИЛОЯТӢ, ШАҲРӢ ВА НОҲИЯВӢ

10. Мониторинг дар сатҳҳои зерин гузаронида мешавад:

Дар сатҳи миллӣ:

– дар сатҳи барнома ва лоиҳаҳо дар доираи матритсаи амалиёти Стратегия, Барнома ва инчунин индикаторҳои Ҳадафҳо;

– дар сатҳи қисматҳои Стратегия ва Барнома (дар сатҳи бахшҳои алоҳида);

– бахшҳои иқтисодиёт (матритсаи амалиёти барномаҳои рушди соҳавӣ);

Дар вилоятҳо, шаҳр ва ноҳияҳо (аз рӯи барномаҳои рушд).

11. Мониторинг дар сатҳи умумимиллӣ дар асоси ҷамъбаст кардани ҳисоботи мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тадбиру амалиёти сиёсати давлатӣ, ҳисоботи Бонки миллии Тоҷикистон, ки ба амалишавии ҳадафҳои рушди миллӣ равона шудаанд, анҷом дода мешавад. Усули мазкур имкон медиҳад, ки рафти амалишавии Стратегия, Барнома ва Ҳадафҳо арзёбӣ гардида, робитаи мутақобила барои таҳлили буҷет, стратегия ва такмили сиёсат дар самти рушди миллӣ таъмин гардад.

12. Мониторинг дар сатҳи барномаҳо ва лоиҳаҳои дар доираи Стратегия ва Барнома ба арзёбии самаранокӣ ва мақсаднокии амалҳои татбиқшаванда асос меёбад.

13. Мониторинг дар сатҳи бахшҳои Стратегия ва Барнома бо истифода аз маълумоти дар натиҷаи таҳлили (мушоҳидаҳо, пурсишҳо ва дигар тадқиқот) рушди бахшҳо бо арзёбии натиҷаҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ (динамикаи сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, дараҷаи ҳифзи иҷтимоӣ, саломатӣ, маълумотнокии аҳолӣ ва ғайра) гузаронида мешавад. Усули мазкур барои муайян намудани он ки оё ҳадафҳо ё натиҷаҳои банақшагирифташуда аз рӯи соҳаҳо ба даст омадаанд ё не имкон медиҳад.

14. Арзёбӣ аз рӯи се намуди асосӣ амалӣ мегардад:

– арзёбии раванд то кадом дараҷа самаранок будани амалҳои ҳокимияти давлатӣ, кӣ дар барнома иштирок мекунад, кадом амалҳо пешниҳод мегарданд, кадоме аз онҳо амалӣ шудаанд ва истифодаи кадом усулҳоро нишон медиҳад.

– арзёбии натиҷаҳо ҳолати объектҳои таҳлилро баъд аз иҷрои амали барномаҳо ё стратегияҳо нишон медиҳад. Арзёбии раванд ва натиҷаҳо робитаҳоро байни чорабиниҳо ва натиҷаҳои онҳо низ муайян мекунад. Ҳадафи онҳо муайян намудани тафовут аз нақша ё нокомиҳо дар рафти иҷрои амалҳои пешбинишуда мебошад.

– арзёбии таъсир дараҷаи ноилшавӣ ба ҳадафҳо ва вазифаҳои рушдро баъди ба даст овардани натиҷаҳои дахлдор нишон медиҳад.

## §1. Мониторинг ва арзёбии амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

15. Мониторинг ва арзёбии амалишавии Стратегия бояд дар асоси пайгирии мунтазами индикаторҳои тасдиқшуда гузаронида шавад, ки меъёрҳои андозагирӣ, мувофиқат, камарзишии ҷамъоварии маълумот, инъикоси бевоситаи натиҷаҳои фосилавиро барои ҷавоб додан ба саволҳои: оё тадбирҳои банақшагирифташуда иҷро шудаанд, оё нишондиҳандаҳои пешбинишудаи мақсаднок ба даст омадаанд, натиҷаҳои фосилавии тадбирҳои сиёсат, ки дар матритсаи амалиёт пешбинӣ шудаанд, қонеъ гардонад.

16. Мониторинг ва арзёбии Стратегия таҳти роҳбарӣ ва дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор оид ба ҳамоҳангсозии низоми мониторинг ва арзёбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Мақоми ваколатдор якҷо бо мақомоти идоракунии дахлдори соҳавӣ ва ҳудудӣ, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла бо ҷалби шарикони рушд мониторинг ва арзёбӣ гузаронида, ба Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Шӯро) ҳисоботҳои панҷсоларо дар бораи рафти амалишавии Стратегия пешниҳод мекунад.

## §2. Вазифаҳои мониторинг ва арзёбии амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

17. Вазифаҳои мониторинг ва арзёбии Стратегия чунинанд:

– нишон додани пешравиҳои кишвар дар самти ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда;

– нишон додани самаранокии захираҳои истифодашуда дар ба даст овардани натиҷаҳои бадастомада;

– ошкор намудани афзалиятҳо ҷиҳати пурзӯр намудани натиҷаҳои амалисозии Барномаи миёнамуҳлати рушд дар доираи Стратегия;

– ошкор намудани сабабҳои пайдоиши камбудиҳо, монеаҳо, мушкилиҳо ва дарёфти роҳҳои бартараф намудани онҳо;

– муайян намудани сатҳи иштироки тамоми тарафҳои манфиатдор дар амалишавии Стратегия;

– арзёбии иқтидори бавуҷудомада барои рушду нумӯи кишвар баъди соли 2030.

## §3. Ҳисоботдиҳӣ

18. Ҳисобот оид ба мониторинг ва арзёбии Стратегия аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Шӯро бо иштироки шарикони рушд ва дигар ҷонибҳои манфиатдор баррасӣ мегардад.

19. Ҳисобот оид ба мониторинг ва арзёбӣ дар асоси таҳлили динамикаи низоми индикаторҳо дар ду сатҳ ташаккул дода мешаванд:

– индикаторҳои сатҳи байналмилалӣ барои муқоисаҳои байналмилалӣ;

– индикаторҳои миллӣ, аз ҷумла нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, индикаторҳои Стратегия, Барнома, инчунин индикаторҳои милликунонидашудаи Ҳадафҳо барои ошкор сохтани тағйирот, тамоюлҳо ва мушкилоти махсус дар рафти амалишавии Стратегия, аз ҷумла барои муайян намудани тарафҳои заиф, қавӣ, имконият ва хавфҳо истифода мешаванд.

20. Индикаторҳои миллӣ маълумоти зеринро дар бар мегиранд: индикаторҳои пайгирии раванди амалишавии чораҳои андешидашуда, аз ҷумла индикаторҳои таъсир, ки дар асоси онҳо арзёбии сифатӣ ва миқдории тағйирот ташаккул дода мешавад ва он барои қабули қарорҳо ва асосноккунии афзалиятҳои нав ҳамчун манбаи маълумот хизмат мерасонад.

21. Индикаторҳои пайгирии Стратегия (ҳар панҷ сол) дар асоси индикаторҳои натиҷавии амалисозии барномаҳои рушди миёнамуҳлати Тоҷикистон ва индикаторҳои Ҳадафҳо муайян карда мешаванд.

## §4. Мониторинг ва арзёбии натиҷаҳои барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон

22. Низоми мониторинг ва арзёбии Барнома қисми асосӣ ва ҷудонопазири низоми мониторинг ва арзёбии Стратегия

буда, ноилшавӣ ба ҳадафҳои Стратегия, сафарбар намудани захираҳои дохилӣ ва беруна ва истифодаи самараноки онҳоро бо ҷалби ҳамаи шарикони рушд дар амалисозии барномаҳо таъмин хоҳад намуд.

23. Низоми мониторинг ва арзёбии Барнома барои пайгирии ҳадафҳои Барнома, ошкор намудани таҷрибаҳои мусбати андӯхташуда, мушкилоти амалишавии Стратегия, таҳлили раванди рушд, коркарди пешниҳодоти мушаххас оид ба такмили сиёсати амалишавии Барнома ва баланд бардоштани самаранокии он равона гардидааст.

24. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки муносибати мутақобила байни сиёсати барнома ва амалишавии он, шаффофият ва ҳисоботдиҳии ба ҳадаф ва афзалиятҳои Барнома алоқаманд таъмин гарданд.

## §5. Сохтори низоми мониторинг ва арзёбии Барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон

25. Асоси сохтори низоми мониторинг ва арзёбиро ҳадафҳо ва афзалиятҳои миқдории муайяннамудаи Барнома ташкил медиҳанд. Низоми индикаторҳо барои андозагирии пешрафти кишвар дар самти расидан ба ҳадафҳо истифода мешавад. Он имкон медиҳад, ки самаранокӣ ва натиҷабахшии тадбирҳое, ки дар Барнома пешбинӣ шудаанд, пайгирӣ шаванд.

26. Зернизоми асосии низоми мониторинг ва арзёбӣ тартиби ҷамъоварии маълумотро ташкил намуда, аҳамияти индикаторҳои мониторинг ва дигар маълумоти миқдорию сифатии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро тавсиф мекунад.

27. Дигар ҷузъҳои таркибии сохтори низоми мониторинг ва арзёбӣ инҳо мебошанд:

– низоми таҳлили маълумоте, ки дар ҷараёни мониторинг ҷамъ оварда шуда, барои арзёбии тадбирҳои иҷтимоию иқтисодии рушди кишвар дар доираи Барнома ва Ҳадафҳо ҷиҳати омода кардани пешниҳодҳо оид ба такмилдиҳии сиёсати миллии рушд пешбинӣ шудаанд;

– низоми паҳнкунии иттилоот дар бораи натиҷаҳои мониторинг ва амалисозии Барнома ва Ҳадафҳо, ҳамчунин низоми алоқаи мутақобила бо ҷонибҳои мухталифи манфиатдор.

28. Ҳадафҳои Барнома ҳамзамон ҳадафҳои фосилавии Стратегия ба ҳисоб мераванд. Ҳамоҳангии мутақобилаи онҳо, мушаххасии миқдорӣ ва муҳлатнокии онҳо имкон медиҳад, ки самаранокии мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар таъмин гардад. Стратегия Ҳадафҳоро дар худ инъикос менамояд, ки аз ҷониби Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул гардидаанд.

29. Мониторинги Барнома аз рӯи моҳияти индикаторҳо барои кишвар ва аз рӯи тақсимбандӣ барои минтақаҳо, баробарии ҳуқуқи марду зан, экология ва дигар хусусиятҳо бо таваҷҷуҳи хоса ба гурӯҳҳои осебпазир мавриди амал қарор мегирад. Мақомоти соҳавӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонанд аз индикаторҳои иловагие истифода баранд, ки имконият медиҳанд хусусияти вазифаҳои рушди дар назди онҳо қарордошта инъикос карда шаванд.

30. Низоми мониторинг ва арзёбии Барнома натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии стратегияҳо ва барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд ва муҳлати иҷро ва ё ба анҷом расонидани онҳо ба давраи то соли 2030 рост меояд, ба инобат гирифта, якҷо бо мақомоти ваколатдори масъули амалишавии ин стратегияҳо ва барномаҳо гузаронида мешаванд.

31. Дар баробари мониторинги мунтазами индикаторҳои асосии барномаҳои рушд истифодабарии намудҳои мухталифи тадқиқот низ зарур мебошад:

– мониторинг ва арзёбӣ, ки якҷо бо ҷонибҳои манфиатдор гузаронида мешавад, имкон медиҳад, ки маълумоти боарзиш дар бораи амалишавии Барнома дар сатҳи ҷамоатҳо таъмин гардад;

– пайгирӣ намудани хароҷоти давлатӣ, ки муқоисаи хароҷотҳои воқеии давлатӣ бо хароҷоти тасдиқшудаи молиявии Барномаро талаб мекунад;

– таҳқиқоти соҳавӣ барои муайян намудани мушкилоту монеаҳо дар самтҳои мухталифи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар;

– арзёбии таъсир, ки барои таҳлили амиқи рафти амалисозии барномаҳои асосӣ дар доираи Барнома пешбинӣ шудааст.

32. Чунин тадқиқот аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ фармуда шуда, аз ҷониби созмонҳои мустақили тадқиқотӣ ва ташкилотҳои дахлдори ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронида мешаванд. Вобаста ба таҳкими иқтидори дохилӣ ва истифодаи тадқиқоти маълумот ҳам дар мақомоти давлатӣ ва ҳам дар ташкилотҳои мустақими тадқиқотӣ ва ширкатҳои машваратӣ тадбирҳо қабул карда мешаванд. Натиҷаҳои чунин тадқиқот ҳангоми гузаронидани арзёбии амалисозии Барнома ба инобат гирифта шуда, ба ҳисоботи солона дар бораи амалишавии он дохил карда мешаванд. Ин гуна тадқиқот ҳамчун сарчашмаҳои иловагии маълумот баромад карда, методологияи он бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ҳамоҳангсози давлатӣ оид ба мониторинг ва арзёбии Стратегия ва Ҳадафҳо мувофиқа карда мешавад.

33. Низоми ҷамъоварии маълумот тавре тартиб дода мешавад, ки он тибқи талабот пуррагии маълумоти барои қабули қарорҳои маъмурӣ зарурбуда ва сарфаи захираҳои давлатии барои ба даст овардани чунин маълумот сарфшударо таъмин кунад. Ҳамзамон ба устувории раванди ҷамъоварии маълумот, дохил намудани индикатор ва методологияҳои ҳисобе, ки танҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ амалӣ мегарданд, диққат дода мешавад.

34. Дар низоми ҷамъоварии маълумот нақши асосиро Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамъоварии саривақтӣ, коркард ва пешниҳоди ҳаҷми асосии маълумот аз рӯи ҳамаи индикаторҳо ба мақомоти ҳамоҳангсози давлатӣ оид ба мониторинг ва арзёбии Стратегия ва Ҳадафҳо мебозад. Дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ дар самти таҳкими неруи мақомоти омор, аз ҷумла дар минтақаҳо ҷиҳати ба даст овардани маълумоти воқеӣ, дақиқ ва саривақтӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, тадбирҳо андешида мешаванд.

35. Манбаи дигари муҳим оид ба пешниҳоди маълумот барои мониторинг вазорату идораҳое мебошанд, ки аз рӯи фаъолияти худ ва ҳолати мавҷуда дар доираи салоҳияташон, аз ҷумла оид ба маблағгузории барномаҳои рушд, ахбор пешниҳод мекунанд.

36. Таҳлили маълумоти дар рафти мониторинг ва арзёбии Барнома ҷамъоваришуда аз ҷониби ҳамаи мақомоти марказии иҷроия, масъули амалишавии Барнома аз рӯи соҳаи салоҳияти худ ва дар ҳамоҳангӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Мутахассисони ташкилотҳои давлатӣ ва муассисаҳои мустақили тадқиқотӣ, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ ба гузаронидани таҳлил ва таҳияи пешниҳод оид ба амалишавии сиёсати давлатӣ ҷалб мегарданд.

37. Натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ дар шакли ҳисоботҳои солона оид ба рафти амалишавии Барнома ҷамъбаст мегарданд. Ин ҳисоботҳо бояд мутобиқи боби 5 Қоидаҳо пешниҳод карда шаванд.

38. Паҳн намудани иттилоот дар бораи натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ тавассути гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ, нашри густурдаи ҳисоботҳои соҳавию минтақавӣ дар бораи рафти амалисозии барномаҳо, ташкили муҳокимаҳои ҷамъиятӣ ва натиҷаҳои арзёбии Барнома, аз ҷумла маълумоти мониторинг, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба даст овардаанд, сурат мегирад. Ба таъмини робитаи мутақобила бо тамоми тарафҳои манфиатдор бо мақсади такмили сиёсат ва механизмҳои амалисозии Барнома диққати махсус дода мешавад.

39. Дар самти мониторинг ва арзёбӣ Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми кории котиботи Шӯро ба ҳисоб рафта, дорои вазифаҳои зерин мебошад:

– пайгирии равандҳои мониторинг ва арзёбӣ дар ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ;

– таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи мониторинг ва арзёбӣ;

– ҳамгироии натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ дар миқёси матритсаи амалиёти Барнома;

– омода намудани ҳисоботи солона дар бораи амалишавии Барнома;

– омода намудани таклифу пешниҳодҳо ба Шӯро ҷиҳати тасҳеҳи минбаъдаи матритсаи амалиёти Барнома;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар иштирокдорони низоми мониторинг ва арзёбӣ;

– муколама бо шарикони рушд;

– паҳн намудани маълумот дар бораи равандҳо ва натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ.

40. Масъулият оид ба фаъолияти мониторинг ва арзёбии самтҳои соҳавии Барнома ба сохторҳои ваколатдори (шуъба, мутахассисони мониторинг ва арзёбӣ, шуъбаҳои таҳлилию иттилоотӣ ё дигар мақомот, мутахассисони ваколатдор) вазорату идораҳои соҳавӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вогузор карда мешавад.

41. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ дар мониторинг ва арзёбии Барнома ва Ҳадафҳо иштирок менамояд.

42. Нақши мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар низоми мониторинг ва арзёбӣ аз ташкил намудани ҷамъоварии маълумот дар бораи барномаҳои давлатии дар ҳудуди онҳо амалишаванда, дар таҳлили рафти амалисозии Барнома дар минтақаҳои худ ва дар асоси таҳлили мазкур омода намудани таклифу пешниҳодҳо оид ба такмилдиҳии механизми амалисозии Барнома иборат хоҳад буд. Бо ин мақсад, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо вазоратҳо (идораҳо), ташкилотҳои ҷамъиятӣ муколамаи мунтазам ва муҳокимаи натиҷаҳои мониторинги алоқаманд бо минтақаи онҳоро мегузаронанд.

43. Таъмини иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мониторинг ва арзёбии Барнома муҳим мебошад. Намояндагони ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба Шӯро ва гурӯҳҳои кории соҳавӣ ба ҳайси коршиносон ва намояндагони гурӯҳҳои манфиатдори аҳолӣ дохил мешаванд. Нақши муҳим дар равандҳои мониторинг ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки масъули пешниҳоди маълумот дар бораи он ки аҳолӣ нисбати чораёни амалисозии Барнома чӣ муносибат дорад ва кадом мушкилот дар сатҳи маҳаллӣ диққати махсусро талаб мекунанд, вогузор карда мешавад.

44. Низоми ҳисоботдиҳӣ аз рӯи натиҷаҳои амалисозии Барнома чунин сурат мегирад:

– мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳисоботҳои ҷамъбастиро дар бораи фаъолияти алоқаманд бо амалисозии Барнома дар минтақаи худ ба Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисоботҳои соҳавии худро ба вазоратҳои соҳавӣ пешниҳод мекунанд;

– мониторинги лоиҳаҳое, ки дар доираи барномаҳои давлатии сармоягузориҳо барои соли дахлдор амалӣ мегарданд, дар як вақт дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои соҳавӣ гузаронида мешаванд;

– вазорату идораҳои соҳавӣ, аз ҷумла Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми маълумоти дар доираи бахши худ қабулшударо ҷамъбаст намуда, ҳисоботҳои ҷамъбастиро ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунанд, ки дар он тамоми маълумот дар бораи амалишавии Барнома ҷамъ мешавад.

45. Мониторинг ва арзёбии Барнома ва Ҳадафҳо ягона буда, мавҷудияти сохторҳои бо ҳам монанди мониторинг ва такроршавии вазифаҳоро оид ба ҷамъоварии маълумот аз байн мебарад. Мониторинг ва арзёбӣ бо дар назар доштани манфиатҳои тамоми иштирокчиёни раванди амалишавии Барнома ва Ҳадафҳо ташаккул дода мешавад. Фаъолият оид ба мониторинги лоиҳаҳое, ки бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ (донорҳо) амалӣ мегарданд, ба низоми умумии мониторинг ва арзёбӣ дохил мешаванд, ки самаранокии истифодаи маблағҳоро барои мониторинг баланд бардошта, ба таҳкими низоми мониторинг ва арзёбии кишвар имкон медиҳад.

46. Тадбирҳои назаррас дар самти таҳкими иқтидори ҳамаи иштирокчиёни равандҳои мониторинг ва арзёбӣ ба харҷ дода мешаванд. Ба онҳо ҷалби маблағҳои иловагии донорҳо ва афзоиши шумораи захираҳои давлатӣ, ки ба қонеъ гардонидани ниёзҳои мониторинг равона мегарданд, дохил мешаванд. Маблағгузории низоми мониторинг ва арзёбӣ дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷетӣ ба вазорату идораҳои дахлдор сурат мегирад. Маблағҳои донорҳо барои тақвияти неруи инсонӣ ва ташкилии низоми мониторинг ва арзёбӣ равона мегарданд. Саъю кӯшиши донорҳо оид ба рушди неруи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти мониторинг ва арзёбӣ дастгирӣ карда мешаванд.

## §6. Мониторинг ва арзёбии барномаҳои соҳавии рушд

47. Раванди амалисозии мониторинги барномаҳои соҳавии рушд аз фаъолиятҳои зерин иборат аст:

– гузаронидани мониторинги рафти амалисозии барномаҳои соҳавии рушд аз ҷониби мақоми давлатии масъули амалисозии барномаҳои соҳавии рушд;

– аз ҷониби ташкилотҳои иҷрокунанда дар мухлати муқарраршуда ба мақоми давлатии масъули амалишавии барномаҳои соҳавии рушд пешниҳод намудани қисмҳои ба онҳо вогузоршудаи барномаҳои соҳавии рушд ва бандҳои нақшаи чорабиниҳо;

– пешниҳоди ҳисоботҳои фосилавӣ оид ба амалисозии барномаҳои соҳавии рушд аз ҷониби мақоми давлатии масъули амалишавии барномаҳои соҳавии рушд ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори ҳамоҳангсозии низоми мониторинг ва арзёбӣ, ё мақоми намояндагии маҳаллӣ ва ҳангоми зарурат омода намудани таклифу пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳисоботҳои фосилавӣ;

– арзёбии самаранокии амалишавии барномаҳо аз ҷониби мақоми давлатӣ, ки ба амалисозии барнома масъул аст (арзёбии дохилӣ) ва мақоми ваколатдор (арзёбии беруна) гузаронида мешавад. Раванди гузаронидани арзёбӣ аз таҳлили ҷараёни амалисозии барнома ва нақшаи чорабиниҳо, самаранокии истифодабарии захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ, дараҷаи ноилшавии вазифаҳо ва индикаторҳои банақшагирифташуда ва таъсири амалисозии барнома ба инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ иборат аст.

48. Мақоми ваколатдор ҳисоботҳоро оид ба раванди амалишавии барномаҳои аз ҷониби мақоми давлатии масъули амалишавии барномаҳои соҳавии рушд пешниҳодшаванда таҳлил намуда, хулосаи мушаххасро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалисозии барномаҳои соҳавии рушд пешниҳод мекунад.

49. Мақоми ваколатдор ҳуқуқ дорад муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва дигар ташкилотҳоро барои гузаронидани арзёбии беруна тибқи тартиби ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда ҷалб намояд.

50. Қабули қарор оид ба ҷамъбаст (идома додан)-и барномаҳои соҳавии рушд аз даврaҳои зерин иборат аст:

– аз ҷониби мақоми давлатии масъул дар амалишавии барномаҳои соҳавии рушд якҷо бо иҷрокунанда омода намудани ҳисоботи ниҳоӣ ки дар он маълумот оид ба

натиҷаҳои дар ҷараёни амалисозии барномаҳои соҳавии рушд бадастомада, дараҷаи ноилшавии вазифаҳо ва индикаторҳои ба нақша гирифташудаи барнома ва таъсири мултипликативии амалисозии барномаҳои соҳавии рушд ба вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар пешниҳод мегарданд;

– аз ҷониби мақоми давлатии масъул дар амалишавии барномаҳои соҳавии рушд ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдор ё мақоми намояндагии маҳаллӣ пешниҳод гардидани ҳисоботи ниҳоӣ оид ба натиҷаи амалишавии барномаҳои соҳавии рушд бо таклифи анҷомдиҳии он, ё зарурати идома ва таҳияи барномаи нав бо дар назар доштани ворид намудани тағйиру иловаҳои мушаххас;

– баррасии ҳисоботи ниҳоӣ оид ба амалисозии барномаҳои соҳавии рушд аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдор ё мақоми намояндагии маҳаллӣ;

– қабули қарор оид ба анҷомдиҳии барнома ва қатъи назорати он ё дар бораи идомаи амалишавӣ ва ё таҳияи барномаи нав.

## §7. Мониторинг ва арзёбии барномаҳои рушди вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ

51. Мониторинг ва арзёбии барномаҳои рушди вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ тавассути баррасӣ ва таҳлил намудани индикаторҳои мухталиф, ки рушди минтақаро инъикос мекунанд, анҷом меёбад.

52. Вазифа ва нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар низоми мониторинг ва арзёбӣ инҳо мебошанд:

– ҷамъоварии маълумот оид ба амалишавии чорабиниҳои барномаҳои рушди вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ки дар ҳудуди онҳо амалӣ мегарданд;

– таҳлили раванди амалишавии афзалиятҳои миллӣ ва самтҳои Стратегия, Барнома ва барномаҳои соҳавӣ дар минтақаҳо;

– пешниҳоди дархосту тавсияҳои мушаххас ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба вазорату идораҳои соҳавии дахлдор.

## 4. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОР ДОИР БА ҲАМОҲАНГСОЗИИ НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2030, БАРНОМАҲОИ МИЁНАМУҲЛАТИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, БАРНОМАҲОИ РУШДИ СОҲАВӢ, ВИЛОЯТӢ, ШАҲРӢ ВА НОҲИЯВӢ

53. Мақоми ваколатдор дар сатҳи котиботи Шӯро якҷо бо соҳаҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла бо ҷалби шарикони рушд мониторинг ва арзёбӣ гузаронида, ба Шӯро ҳисоботҳои солона, панҷсола ва ҷамъбастиро оид ба амалишавии Стратегия ва Барнома пешниҳод мекунад.

54. Барои воқиф намудани аҳолии кишвар аз натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, гузаронидани чорабиниҳои дахлдор (мизи мудаввар, анҷуманҳо, форум ва ғайра) истифода карда мешавад.

### §1. Вазифаҳои мақоми ваколатдор

55. Вазифаҳои мақоми ваколатдор оид ба ҳамоҳангсозии низоми мониторинг ва арзёбии Стратегия ва Барнома, барномаҳои рушди соҳавӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ аз инҳо иборатанд:

– таҳлил намудани ноилшавии кишвар ба ҳадафҳои гузоштошуда;

– муайян намудани самаранокии натиҷаҳои бадастомада дар доираи захираҳои сарфшуда;

– ошкор намудани тарафҳои устувор (барои пурзӯр кардан) ва камбудиҳои (барои аз байн бурдан) натиҷаҳои амалисозии Стратегия;

– муайян намудани сатҳи иштироки ҷонибҳои манфиатдор дар амалишавии Стратегия;

– арзёбии иқтидори бавуҷудомада барои рушди кишвар баъди соли 2030;

– ҷамъбаст ва таҳлили тамоми маълумоти бадастомада, бо ҷалби ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор (намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони байналмилалии рушд);

– ҳангоми зарурат, метавонад мониторинги интихобии ҳисоботҳои пешниҳодшударо оид ба амалишавии Стратегия (бо ҷалби намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони байналмилалии рушд) гузаронад.

## §2. Вазифаҳои мақоми ваколатдор доир ба омода намудани ҳисобот оид ба мониторинг ва арзёбӣ

56. Вазифаҳои мақоми ваколатдор доир ба омода намудани ҳисобот оид ба мониторинг ва арзёбӣ чунинанд:

– мониторинг ва арзёбии равандҳо ва натиҷаҳо, аз ҷумла мониторинги тақсимот ва арзёбии истифодаи маблағҳо тавассути буҷет дар ҳамоҳангсозӣ бо мақоми ваколатдор дар соҳаи молия ва барномаи сармоягузориҳои давлатии лоиҳаҳои дар Стратегия ва Барнома нишондодашуда;

– раванди муайянсозии вазифаҳои институтсионалии низоми мониторинг;

– муттаҳидсозӣ ва ҷамъбасти маълумоте, ки дар доираи мониторинг аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва бо дигар ташкилот ташаккул дода мешавад;

– муҳокимаи тамоюлҳо дар нишондиҳандаҳои рушд бо намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

– паҳн намудани натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ;

– такмили нишондиҳандаҳои мониторинг;

– таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмилдиҳии тадбирҳо ва амалҳо оид ба ноилгардии онҳо, бо дар назар доштани таҷриба ва сабақҳои омӯхта;

– омода намудани маводҳои таҳлилӣ дар бораи вазъият дар соҳаҳо, таҳияи пешниҳодҳо оид ба инкишофи онҳо, арзёбии самаранокӣ ва пуррагии тадбирҳои андешидашуда;

– омода намудани ҳисоботи дахлдор оид ба мониторинг ва арзёбии натиҷаҳои Стратегия ва Барнома;

– ташкили сомона ва таъмини дастгирии иттилоотии он барои ҷойгир намудани маълумот дар бораи мониторинг ва арзёбии Стратегия ва Барнома;

– ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалии рушд оид ба масъалаҳои марбут ба самтҳои асосии амалишавии Стратегия, Барнома ва Ҳадафҳо;

– амалишавии пайвастаи робитаи мутақобила ва машварат бо ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла, вакилони

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Шӯро, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои байналмилалии молиявӣ ва таҳиякунандагони Стратегия ва Барнома, бо мақсади муайянсозӣ ва амалӣ намудани тадбирҳои институтсионалие, ки аз натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии Стратегия ва Барнома бармеоянд;

– ҷалби коршиносон ба раванди мониторинг ҷиҳати таҳқиқи мушкилоти дар ҷараёни мониторинг ва арзёбӣ ошкоршуда.

57. Ҳисобот оид ба мониторинг ва арзёбии Стратегия ва Барнома ва стратегияву барномаҳои соҳавии рушд аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Шӯро бо иштироки шарикони рушди Тоҷикистон баррасӣ мегардад.

58. Ҳисобот оид ба мониторинг ва арзёбӣ дар асоси таҳлили динамикаи низоми индикаторҳои ду сатҳ тартиб дода мешаванд:

– индикаторҳои сатҳи байналмилалӣ ва муқоисаҳои байналмилалӣ;

– индикаторҳои сатҳи миллӣ, ки бо ҳисоботҳои давлатии оморӣ тасдиқ шудаанд, инчунин индикаторҳои милликунонидашудаи Ҳадафҳо барои муқоиса бо афзалиятҳои асосии қисму фаслҳои Стратегия ва Барнома, ки ҷиҳати ошкор намудани тағйироту тамоюлҳои мушаххас ва мушкилиҳо дар рафти амалишавии Стратегия ва Барнома, ҳамчунин барои ошкор намудани тарафҳои қавӣ ва заиф, имкониятҳову хавфҳо истифода мешаванд.

## 5. ҲИСОБОТДИҲИИ НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ СТРАТЕГИЯ

59. Ҳисобот оид ба гузаронидани мониторинг ва арзёбӣ аз ҳисоботи ҷамъбастӣ (баъд аз анҷомрасии Стратегия), фосилавӣ (панҷсола) ва ҷорӣ (солона) иборат аст. Ҳисоботи солона кӯтоҳмуддат (нимсола ва семоҳа) мешавад.

60. Методологияи пешниҳоди ҳисобот ҷиҳати амалишавии Стратегия ва Барнома, барномаҳои рушди соҳавӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, шаклҳо, намуд ва матритсаҳои ҳисоботдиҳӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори низоми мониторинг ва арзёбӣ тартиб дода мешавад.

## 6. МАХЗАНИ ИТТИЛООТИИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

61. Махзани иттилоотии мониторинг ва арзёбии амалишавии Стратегия ва Барнома инҳо мебошанд:

– маълумоти ҳисоботҳои омори давлатӣ, ҳисоботҳои омори бахшӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ;

– маълумоти муассисаву ташкилотҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ, ки дар омори давлатӣ ба ҳисоб гирифта намешавад;

– маълумоти пурсишномаҳои мақсадноки иҷтимоии аҳолӣ;

– маълумоти тадқиқотҳои минтақаҳои интихобшуда, гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ва хоҷагиҳои хонаводагӣ.

## 7. ИНСТИТУТСИОНАЛИЗАТСИЯИ ФУНКСИЯҲОИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ АМАЛИШАВИИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2030, БАРНОМАҲОИ МИЁНАМУҲЛАТИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА БАРНОМАҲОИ СОҲАВӢ ВА МИНТАҚАВИИ РУШД

62. Ба инфрасохтори институтсионалии мониторинг ва арзёбӣ сохторҳои зерин дохил мешаванд:

– сохтори мониторинг ва арзёбии Стратегия ва Барнома дар доираи котиботи Шӯро (минбаъд – Сохтор);

– Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– вазорату идораҳои соҳавӣ;

– мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

– воҳидҳои сохтории соҳавии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ.

63. Сохтори мониторинг ва арзёбии Стратегия ва Барнома дар доираи фаъолияти котиботи Шӯро ҳамчун ҷузъи пайвандкунанда миёни таҳиягарони Стратегия ва Барнома ва низоми амалишавии онҳо буда, мониторинг ва арзёбии нишондиҳандаҳои банақшагирифташударо аз рӯи тадбирҳо ва амалҳои ноилшавӣ ба ҳадаф ва вазифаҳои рушди миллӣ амалӣ месозад.

64. Сохтор масъалаҳои зеринро таъмин мекунад:

– раванди мониторинг, аз ҷумла мониторинги тақсимоти маблағҳо тавассути буҷет дар ҳамоҳангсозӣ бо мақоми ваколатдор дар соҳаи молия ва барномаҳои сармоягузории давлатӣ аз рӯи лоиҳаҳои дар Стратегия ва Барнома пешбинишуда;

– чораёни муайян намудани функсияҳои институтсионалии низоми мониторинг;

– якҷо кардани ҷамъбасти ҷараёни иттилоот, ки дар доираи мониторинг аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо ташаккул меёбад;

– муҳокимаи тамоюлҳо дар нишондиҳандаҳои рушди миллӣ бо намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

– паҳн намудани натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ;

– такмилдиҳии нишондиҳандаҳои мониторинг;

– омода намудани пешниҳодҳо ҷиҳати такмили тадбир ва амалҳо бо дар назар доштани таҷрибаи бадастомада ва сабақҳои андӯхта;

– омода намудани маводи таҳлилӣ вобаста ба ҳолати соҳаҳо, тайёр кардани пешниҳодҳо оид ба рушди онҳо, арзёбии самаранокӣ ва мукаммалии чорабиниҳои андешидашуда;

– омода намудани ҳисоботҳои дахлдори мониторинг ва арзёбӣ оид ба натиҷаи амалишавии Стратегия, Барнома, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд;

– ташкил додани сомона ва дастгирии иттилоотии он барои ҷойгиркунии маълумот оид ба мониторинг ва арзёбии Стратегия ва Барнома;

– ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалии рушд оид ба масъалаҳои алоқаманд бо самтҳои асосии амалишавии Стратегия, Барнома ва Ҳадафҳо;

– пайваста ба роҳ мондани робитаи мутақобила ва машварат бо ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Шӯро, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ бо мақсади муайянсозӣ ва амалӣ намудани тадбирҳои институтсионалие, ки аз натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии Стратегия ва Барнома бармеоянд;

– ба раванди мониторинг ҷалб намудани олимону коршиносон ҷиҳати таҳқиқи мушкилоти дар ҷараёни мониторинг ва арзёбӣ ошкоршуда.

65. Сохтор мониторинг ва арзёбиро дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои байналмилалӣ амалӣ менамояд.

66. Вазорату идораҳои соҳавӣ ба Сохтор дар доираи ваколатҳои худ оид ба саволҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро пешниҳод мекунад:

– Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон - таҳлили нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ (индикаторҳои иқтисодӣ), ҳамоҳангсозӣ ва таҳияи сиёсати сармоягузорӣ;

– Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – якҷо бо дигар вазорату идораҳои ҷумҳурӣ таҳлили ҳолат ва рушди қонунгузории кишвар;

– Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – таъмини шароит барои суботи макроиқтисодӣ, тадбирҳо оид ба такмили сиёсати молиявӣ, мониторинг ва идоракунии қарзи беруна, тақвият додани низоми хазинадорӣ, ислоҳоти молиявӣ, рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок, мониторинги тақсимоти маблағҳо тавассути буҷет дар ҳамоҳангсозӣ бо мақоми ваколатдор дар соҳаи молия ва барномаи сармоягузории давлатӣ аз рӯи лоиҳаҳо ва тадбирҳои Стратегия ва Барнома, ҳамчунин ислоҳоти низоми андозбандӣ, такмил додани низоми ҷамъоварии андоз, вусъатдиҳии заминаи андоз, пурзӯр намудани маъмурияти андоз ва бартараф намудани унсурҳои таҳрифи низоми андоз;

– Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон – рушди бозори меҳнат, иҷрои барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва заминаи моддиву техникии таҳсилоти касбӣ, барномаҳои густариши кори муздноки ҷамъиятӣ бо таъминоти шуғл, танзими инкишофи равандҳои муҳоҷирати дохилӣ ва беруна, такмили низоми пардохти музди меҳнат ва ғайра;

– Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – вусъатдиҳии дастрасии табақаҳои аз ҳама камбизоати аҳолӣ ба таҳсилот, тавсеаи дастгирии мақсаднок барои кӯдакони аз оилаҳои камбизоат, барқарорсозии инфрасохтори ҷисмонии муассисаҳои таълимӣ, омодасозии кадрҳои педагогӣ, таҳия намудани низомҳои нави маблағгузорӣ, мониторинги ҷорӣ кардани нақшаҳои нави таълимӣ ва барномаҳо, омода кардани барномаҳо оид ба рушди соҳа;

– Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ислоҳоти системаи тандурустӣ, рушди кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва баланд бардоштани сифати он, беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, ҷиҳозонидани муассисаҳои соҳа ва хадамоти хизматрасон бо таҷҳизоти техникӣ ва барқарорсозии онҳо, дастгирӣ ва мусоидат ба танзими оила, рушди омори тиббӣ, суғуртаи тиббӣ, таъмини хизматрасониҳои кафолатдодашудаи тиббии ройгон, ислоҳоти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, такмили низоми таъминот бо нафақа, барқарорсозии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, инкишофи шабакаи хоҷагиҳои хурд ва корхонаҳо, рушди хадамоти кумаки иҷтимоӣ дар хона ва тавонбахшии маъюбон;

– Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон – корпоратизатсия, тиҷоратикунонӣ ва хусусигардонии корхонаҳои соҳа, гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ, рафти сохтмони роҳҳои нав ва иншооти инфрасохтори нақлиётӣ;

– Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ислоҳот дар хоҷагиҳои давлатӣ ва коллективӣ, соҳаи пахтакорӣ, вусъатдиҳии имкониятҳо ва дастгирии бахши хусусӣ, тадбирҳо оид ба рушди чорводорӣ, саноати коркард, рушди андози ягона ба замин, кор карда баромадани ҳифзи суғуртаи хоҷагиҳои молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ;

– Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон – корпоратизатсия, тиҷоратикунонӣ ва хусусигардонии корхонаҳои соҳа, гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ, таҳияи нақшаи чорабиниҳо оид ба ҷорисозии марҳилавии тарифҳои нави истифодаи неруи барқ ва газ, сохтмони иншооти нави энергетикӣ, ислоҳоти бахши об, беҳтар намудани нигоҳдории техникии шабакаҳои обёрӣ ва заҳкашӣ,

амалишавии нақшаи амал оид ба ҷорисозии марҳилавии тарифҳои нави об;

– Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон – таҳия ва амалишавии вазифаҳои стратегӣ дар бахшҳои саноат бо мақсади навсозии технологияи истеҳсолот ва гузаронидани истеҳсолот аз истеҳсоли маҳсулоти нимтайёр ба истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ бо истифода аз захираҳои меҳнатӣ, табиӣ ва ашёи хоми хоҷагиҳои кишоварзии мавҷуда;

– Бонки миллии Тоҷикистон – нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум дар доираи ваколатҳои ҷойдошта, таҳкими сиёсати пулию қарзӣ ва рушди бозори коғазҳои қиматнок, баланд бардоштани эътимоднокӣ ба низоми бонкӣ ва зиёд намудани ҳаҷми пасандозҳои бонкӣ;

– Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷалби сармоягузориҳо ба иқтисодиёти кишвар, амалишавии сиёсати давлатӣ оид ба масъалаҳои хусусигардонии корхонаҳои азим, фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкорӣ, рушди минбаъдаи раванди хусусигардонӣ бо таваҷҷуҳи махсус ба нишондиҳандаҳои сифатӣ;

– Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон – таҷдиди сохторҳои хоҷагиҳои давлатӣ ва коллективӣ, амалисозии Барномаҳои пешгирии биёбоншавӣ;

– Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ ташаккул додани идоракунии низоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки мувофиқ ба принсипҳои асосии идораи самараноки давлатӣ буда, шароити заруриро барои рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии кишвар фароҳам меоварад;

– Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – такмили низоми ҷамъоварии андозҳо, тариқи мустақим (онлайн) ба роҳ мондани қабули ҳуҷҷатҳо ҷиҳати омода намудани бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ҷамъоварии андозҳои муқарраргардида ва сари вақт ворид намудани он ба буҷет, хизматрасониҳо ба андозсупорандагон;

– Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори

мақомоти ҳифзи табиат дар маҳал, муайян намудани афзалиятҳои миллӣ оид ба ҳифзи табиат ва назорати истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, мониторинги ҳифзи муҳити зист, инкишоф ва вусъатдиҳии лоиҳаҳои экологӣ;

– Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон – такмили идоракунии рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ;

– Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – корпоратикунонӣ, тиҷоратикунонӣ ва хусусигардонии корхонаҳои бахш, гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ, азнавсозӣ ва рушди шабакаҳои коммуникатсионӣ, таъмини ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ бо алоқа, иштирок дар иттилоотдиҳӣ;

– Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон – арзёбии эътимоднокии низоми идоракунии молиявӣ, инчунин эътимоднокии ҳисоботҳои молиявии сохтори дахлдор (аудити молиявӣ); арзёбии иҷрои вазифаҳои дар назди ташкилот ё яке аз воҳидҳои он гузошташуда (аудити самаранокӣ); арзёбии сарфа ва истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, ки сохтори дахлдор ҷудо намудааст (аудити натиҷабахшӣ);

– Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – амалисозии Барномаи давлатӣ оид ба дастгирии соҳибкорӣ, рушди бахши хусусӣ, механизмҳои дастгирии баъди хусусигардонии корхонаҳои ғайридавлатӣ;

– Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ», вусъатдиҳии фаъолияти агентӣ оид ба пайгирии истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои давлатӣ ва молу мулк, инчунин қарзҳои беруна, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти кафолати давлатӣ ҷалб мегарданд ва хизматрасонии онҳо;

– Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - оид ба рушди хизмати давлатӣ, тақвияти касбияти хизматчиёни давлатӣ ва таҳкими самарабахшии идоракунии давлатӣ;

– корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» – дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ, пурра гузаштан ба ҳисобкунакҳои обӣ, ҷорӣ намудани механизми мукаммали ҷамъоварии ҳаққи хизматрасонии коммуналӣ, ҳолати хадамоти коммуналӣ, амалишавии нақшаи чорабиниҳо оид ба ҷорисозии марҳилавии тарифҳои нави оби тозаи ошомиданӣ.

67. Вазорату идораҳо маълумоти иловагии дахлдорро дар асоси дархости Сохтор, ки барои мониторинг ва арзёбӣ зарур аст, пешниҳод мекунанд.

68. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мониторинги Стратегия ва Барнома, барномаҳои рушди соҳавӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои сатҳи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, инчунин ҷамоатҳо ташкил намуда, маълумотро барои дигар сатҳи мониторинг омода мекунанд.

69. Воҳидҳои дахлдори сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Сохтор маълумоти ҷамъбастиро оид ба масъалаҳои ба самтҳои Стратегия ва Барнома алоқамандбударо пешниҳод намуда, якҷо бо Сохтор арзёбӣ ва таҳлили бахшҳое, ки таҳти назорат қарор доранд мегузаронад ва амалишавии Стратегия ва Барномаро ҳамоҳанг ва амалӣ менамояд.

70. Ҳамкории Сохтор ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мониторинг ва арзёбии Стратегия ва Барнома тавассути иштирок дар муҳокимаҳои муштарак ҷиҳати муайянсозии афзалиятҳои барномаҳои оянда ва дастгирии лоиҳаҳои ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба Стратегия ва Барнома алоқаманд амалӣ карда мешаванд.

71. Сохтор дар ҷараёни мониторинг ва арзёбии амалишавии Стратегия ва Барнома метавонад бо вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ намояд.

72. Робита бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ дар асоси ҳамкории зич, ҳамоҳангсозии амалҳо тавассути ҷаласаҳои машваратӣ, низоми ҷории ҳисоботдиҳӣ ва арзёбӣ, таҳияи тавсияҳои дахлдор сурат мегиранд.

73. Бо мақсади омода намудани таҳлили самтҳои Стратегия ва Барнома ва тадбирҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҷиҳати таъмини раванди мониторинг дар мутобиқат бо

роҳбарияти Шӯро олимони таҳлилгар, мутахассисони вазорату идораҳои кишвар ҷалб карда мешаванд.

## 8. АМАЛИНАМОИИ ФУНКСИЯҲОИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ (ТАШАККУЛИ МЕТОДОЛОГИЯ, МАҶМӮИ НИШОНДИҲАНДАҲО, УСУЛҲОИ ҶАМЪОВАРӢ, КОРКАРД ВА ПЕШНИҲОДИ МАЪЛУМОТ ВА ТАШКИЛИ МАХЗАНИ МАЪЛУМОТ)

74. Дар тамоми сатҳҳои мақомоти идоракунии давлатӣ сохтор ва шахсони дахлдор муайян карда мешаванд, ки ҳамоҳангсоз ва масъул барои гузаронидани мониторинг ва арзёбӣ буда, инчунин ҷамъбасткунандаи маълумот, пешниҳодкунандаи ҳисобот оид ба амалишавии Барнома ва Ҳадафҳо (баъди тасдиқи роҳбарият) ба мақоми ваколатдор мебошанд.

**Сармуҳаррир:**
Ҳамидов Султоншо

**Ҳайати таҳририя:**
Юсуфзода Фаррух, Каримӣ Умед, Одинаев Одина, Бозиев Камолиддин, Мерганов Воҳид, Бобошоҳзода Шоҳин, Ҳоҷизода Анвар, Шодиев Далер, Авазов Шаҳзод.

**Котиби техникӣ:**
Олимов Мирзо, Норов Аббос, Ҳакимов Хурсандмурод, Раҳмонов Зокир, Тоҳирзода Санъат.